ёрии бепули ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат кунед. Ба шумо метавонад Комиссияи ҷамъиятии назорат (ОНК) ёрӣ расонад.

## ЁРИИ ИҶТИМОӢ ВА ТИББӢ

Барои гирифтани ёрии таъҷилии тиббӣ аз телефони мобилӣ ба рақами 103 ё 112 занг занед. Дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ уҳдадор ҳастанд, ки ба шумо ёрии тиббии таъҷилии бепул расонанд, ҳатто агар полиси тиббӣ ва ҳуҷҷат ҳам надошта бошед!

Агар дар мавриди гирифтани ёрии тиббӣ мушкиле пеш омад, шумо метавонед ба ин суроға муроҷиат кунед "Горячую линию" Министерства здравоохранения: 8 (800) 200-03-89.

"Горячая линия" Комитета по здравоохранению Ленинградской области: 8 (812) 679-60-04.

Ба гирифтани ёрии иҷтимоӣ шаҳрвандони хориҷие, ки иҷозати истиқомати муваққатӣ доранд, шахсони бешаҳрвандӣ ва гурезаҳое, ки дар ҳудуди Россия доимӣ истиқомат мекунанд, ҳуқуқ доранд. Барои гирифтани ёрии иҷтимоӣ ба мақомоти давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муроҷиат кунед - social.lenobl.ru

## ТАҲСИЛИ ФАРЗАНДОН

Фарзандони шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқи бепул ба кӯдакистонҳо ва мактабҳои давлатӣ шомил шудан доранд.

Волидони кӯдаки синни мактабӣ мувофиқи қонун уҳдадор ҳастанд, ки ӯро ба мактаб супоранд!

Барои шомил кардани кӯдакон ба кӯдакистон ё синфи якуми мактаб ба маркази бисёрҷабҳа (МФЦ) ё мактаби ҷои сабти ном (регистратсия) муроҷиат кунед.

Барои шомил кардани бачаҳои аз синфи якум боло ба мактаби ҷойи сабти истиқомат муроҷиат кунед.

Агар дар мактаб хоҳиши шуморо рад кунанд, ба шуъбаи маорифи ноҳия муроҷиат кунед, он уҳдадор аст, ки дар ягон мактаби ноҳияи шумо ҷой ёбад.

## МЕЪЁРҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГӢ

Барои зудтар бо Россия мутобиқ шудан тавсия медиҳем, ки бештар бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед, дӯст пайдо намоед, дар ҷашнҳо ширкат варзед, ба тамошои кино, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо равед, забони русиро амиқ омӯзед.

Сатҳи дониши забони русиро ба воситаи сайтҳо ва замимаҳо, масалан: «Россия для всех», TORFL GO, pushkininstitute.ru – портали «Образование на русском» баланд бардоред.

Маълумоти муфассалро аз сайти расмии вилояти Ленинград барои шаҳрвандони хориҷӣ пайдо кардан мумкин аст - migrantlenobl.ru.

Дар бораи таърих ва фарҳанги Россия аз сайтҳои зерин маълумоти бештар гирифтан мумкин аст culture.ru ва histrf.ru.

**Барои гирифтани маълумоти бепул ва ёрӣ аз ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба инҳо муроҷиат кунед:**

Хизматҳо давлатӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ - gosuslugi.ru/foreign-citizen

Комитет по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области: сайт: msu.lenobl.ru тел.: 8 (812) 539-52-33

ДомдружбыЛенинградскойобласти:сайт:forumnarodov47.ru тел.: 8 (812) 670-81-43

Управление по вопросам миграции ГУ МВД России по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области: сайт: 78.mvd.ru/ms , тел. 8 (812) 573-38-25, 8 (812) 573-30-02

Паспортно-визовый сервис МВД России, филиал по Санкт-Петербургу и Ленинградской области: сайт: spb.pvsmvd.ru , тел.: 8 (812) 703-68-78

Марказҳои бисёрҷабҳаи пешниҳоди хизматҳои давлатӣ ва мунитсипалӣ (МФЦ)-и вилояти Ленинград: сайт: mfc47.ru, тел.: 8 (800) 500-00-47

Шабакаи ягонаи ёрии фаврӣ – 112 (аз телефони собит ё телефони мобилӣ) – ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ.

## Ёрии бепули ҳуқуқӣ

Фонди хайриявии «ПСП-фонд»: 8 (953) 141-31-09, 8 (812) 337-57-85, psp-f.org, vk.com/pspfond

## Маълумоти муфид:

migrantlenobl.ru – сайт барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо «Добро пожаловать в Ленинградскую область!» Комитета по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области

migrussia.ru – «Миграция и мигранты» (портали иттилоотӣ барои муҳоҷирон ва мутахассисони бо онҳо коркунанда – маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва дастгирии ҳуқуқӣ ба чанд забон, маводи иттилоотӣ, робитаҳои муфид бо ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ).

---


*Буклет «Добро пожаловать в Ленинградскую область! Полезные советы для трудовых мигрантов» (на таджикском языке)*

*Разработка текста: БФ «ПСП-фонд»*

*Авторы-составители: Якимов А.Н., Гончарова Д.В.*

*Редактор: Панич Б.Л.*

*Тираж 2000 экз.*

*Изготовлено в рамках проекта «Школа мигранта. Добро пожаловать в Ленинградскую область!» Комитета по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области.*



КОМИТЕТ ПО МЕСТНОМУ САМОУПРАВЛЕНИЮ, МЕЖНАЦИОНАЛЬНЫМ И МЕЖКОНФЕССИОНАЛЬНЫМ ОТНОШЕНИЯМ ЛЕНИНГРАДСКОЙ ОБЛАСТИ

migrantlenobl


## Хуш омадед ба вилояти Ленинград!

# Маслиҳатҳои муфид барои муҳоҷирони меҳнатӣ

2023

Агар шумо барои кор кардан ба вилояти Ленинград омадаед, донистани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоятон хеле муҳим аст. Ба шумо чанд маслиҳат дар бораи дуруст тайёр кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ба кор таъмин шудан, гирифтани ёрии даркорӣ ва қурбонии фиребгарии корфармоёни беинсоф нашудан муфид хоҳанд буд.

## МАСЛИҲАТҲОИ УМУМӢ

Билет ё талонеро, ки бо он ба Россия омадаед, бо худ нигоҳ доред.

Ҳамеша шиноснома, корти муҳоҷират, регистратсия, патенти кор ва чекҳои пардохти он, полиси амалкунандаи тиббиро бо худ гиред.

Ҳамаи саҳифаҳои шиноснома, корти муҳоҷират, регистратсия, патент, полиси тиббӣ, шартномаи меҳнатиро нусхабардорӣ кунед, ки дар ҳолати гум шуданашон зарур мешаванд.

Ба ин сомона сабти ном шавед «Государственные услуги РФ» gosuslugi.ru/foreign-citizen. Бо ёрии Госуслуг ба ташкилотҳои давлатӣ муроҷиат карда, ҳуҷҷатҳоро ба тариқи онлайн тайёр кардан мумкин аст - сабти номи муҳоҷират (регистратсия) шудан, гирифтани полиси тиббӣ, барои қабул ба Сарраёсати масъалаҳои муҳоҷират сабт шудан ва бисёр амалиёти дигарро.

Аз аксбардорӣ ва сабти изи ангушт (дактилоскопӣ) гузаред.

Ҳар сол аз муоинаи тиббӣ гузаштан ва шаҳодатномаи саломатӣ гирифтанро фаромӯш накунед – ин кор барои ҳамаи шаҳрвандони хориҷии аз 6-сола боло зарур аст.

Суроғаҳои ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятиеро, ки дар вилояти Ленинград ба шаҳрвандони хориҷӣ ёрӣ мерасонанд, пайдо кунед.

Ба дигаргуниҳо дар қонунҳои муҳоҷирати Россия таваҷҷуҳ кунед. Ҳангоми ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ аз сайтҳои расмии давлатӣ истифода баред.

## САБТИ МУҲОҶИРАТ ВА ГИРИФТАНИ ПАТЕНТ

Дар суроғае сабти номи муҳоҷират кунед, ки он ҷо воқеан истиқомат мекунед, вагарна шуморо ҷарима хоҳанд баст.

Патенти аслии корро дар вилояти Ленинград фақат дар ин ҷо гирифтан мумкин аст «Паспортно-визовом сервисе» МВД России pvsmvd.ru/branches/47

Дар бораи тайёр шудан ва аслӣ будани патенти кор шумо аз ин сайт маълумот гирифта метавонед мвд.рф/ сервисы-гувм

Пардохти патент на дертар аз 1 рӯзи то анҷоми ҳар даври пардохтшудаи он лозим аст. Метавон андози патенти корро пешакӣ ба муҳлати то 12 моҳ аз рӯзи гирифтани он пардохт кард.

## БА КОР ДАРОМАДАН ВА КОР

Танҳо дар асоси шартномаи хаттии расмӣ, ки ҳамаи шартҳои кор ва музди меҳнат сабт шуда бошанд, кор кунед, вагарна шуморо метавонанд фиреб диҳанд. Ҳатман нусхаи шартномаи меҳнатии имзокардаи корфарморо гиред.

Барои ҷустуҷӯи кор сайтҳои расмиро истифода баред, масалан: «Работа России» trudvsem.ru ё бонки вакансияҳои вилояти Ленинградро czn47.ru

Ба миёнравҳо муроҷиат накунед – онҳо метавонанд шуморо чун қувваи кории ройгон (бепул) истифода баранд.

Дар хотир доред, ки танҳо бо он ихтисос ва минтақае, ки дар патент сабт шудааст, кор кардан мумкин асту халос. Санкт-Петербург ва вилояти  Ленинград – минтақаҳои гуногун мебошанд!

Донистани ном ва суроғаи ташкилоте, ки дар он кор мекунед, вазифа, насаб, ном, телефони роҳбаратон муҳим аст. Ин маълумот барои ҳифзи ҳуқуқатон дар ҳолати пеш омадани зарурат даркор мешавад.

Пулро дар корти бонкии ба номатон сабтшуда, ё шахсан аз муҳосибот бо имзо ва варақаи ҳисобӣ гиред. Агар дар ҷойи кор аз шумо қарздор бошанд, забонхат талаб кунед.

Ҳама чизеро, ки имзо мекунед, хонед, талаб кунед, ки нусхаашро диҳанд. Агар шумо ба он чизе, ки шумо имзо мекунед, розӣ набошед, метавонед аз имзо даст кашед. Ба ҳуҷҷате, ки моҳияташро намедонед, имзо нагузоред.

Ҳуҷҷатҳоятонро барои нигоҳдорӣ ба ҳеҷ кас надиҳед: ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ҳуҷҷатҳоятонро гирад, равуои озоди шуморо маҳдуд кунад, телефонатонро гирад ва ғайра. Гирифтани шиноснома ва маҳдуд кардани озодӣ ҷиноят аст: дар ин ҳолатҳо таъҷилан ба политсия муроҷиат кунед!

Ҷойи кори шумо бояд бехатар бошад, шумо маҷбур нестед, ки дар як рӯз бештар аз 8 соат ва дар як ҳафта бештар аз 40 соат кор кунед, андозаи маоши шумо дар сурати машғулияти пурра набояд аз ҳадди ақали музди кор (МРОТ) камтар бошад. МРОТ дар вилояти Ленинград аз 01.06.2023 ин қадар мебошад - 17385 рубл.

Агар дар пардохти музди кор бар муддати беш аз 15 рӯз таъхир кунанд, шумо ҳуқуқ доред, ки мутобиқи ч.2 ст.142 Трудового кодекса РФ ба корфармо оид ба қатъ кардани кор бо сабаби напардохтани музди кор ариза диҳед. Инчунин маслиҳат медиҳем, ки дар ин ҳолат ба корфармо эътирози хаттӣ диҳед ва ба Государственную инспекцию труда ва Прокуратуру муроҷиат кунед.

Шаҳрвандони Украина ва давлатҳои аъзои ЕАЭС (Иттиҳоди иқтисодии Авросиё: Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон) метавонанд ба сифати худшуғлӣ сабти ном кунанд. Худшуғлон андози кам  (4 % мувофиқи шартнома бо шахсони воқеъӣ, 6% мувофиқи шартнома бо шахсони ҳуқуқӣ) медиҳанд ва мустақилона ба хизматрасонӣ машғул мешаванд. Барои худшуғл шудан дар ин замима сабти ном бояд кард «Мой налог» https://npd.nalog.ru/app/

## МУОШИРАТ БО ПОЛИТСИЯ

Агар шумо шоҳид ё қурбонии ҷиноят шудед, ба политсия муроҷиат кунед: шахсан ё бо рақами 02 аз телефони собит 102 ё 112 – аз телефони мобилӣ, сайт - 78.мвд.рф

Агар кормандони политсия аз шумо хоҳиш кунанд, ки барои тафтиши ҳуҷҷатҳо аз рӯйи хазинаи маълумот равед, маслиҳат медиҳем, ки ба хешон ва дӯстонатон занг занед ва хабар диҳед, ки дар куҷо ҳастед ва бо киҳо суҳбат доред. Муҳим аст, ки касе аз аҳволатон бохабар бошад. Кормандони политсия ҳангоми тафтиши ҳуҷҷатҳо бояд дар ҳолати иҷрои вазифаи хизматӣ қарор дошта, дар либоси хизматӣ бо нишони махсуси сарисинагӣ (жетон) бошанд – рақами онро дар ёд доред  ё нависед, инчунин шаҳодатномаи хизматияшонро талаб кунед ва бо он шинос шавед.

Дар ёд доред: додани пора ҷиноят аст. Ба кормандони политсия пора надиҳед! Агар шуморо боздошт карданд, шумо ҳуқуқи гуфтугӯйи телефонӣ доред, метавонед ҳимоятгар ва тарҷумон талаб кунед, агар забони русиро нағз надонед. Ҳатман талаб кунед, ки нусхаи ҳуҷҷати боздошт (протокол)-ро дар бораи вайронкунии маъмурӣ ба шумог диҳанд.

Агар шумо бо муҳтавои протокол розӣ набошед, нависед: «С протоколом не согласен/ не согласна» (Ба протокол розӣ нестам) ва сабабшро нависед. Агар матнро нафаҳмидед, нависед: «Текст на русском не понимаю» (Матни русиро намефаҳмам).

Агар шуморо ғайриқонунӣ боздошт карданд ё ғайриқонунӣ дар политсия нигоҳ медоранд, ба ин ташкилот муроҷиат кунед Общественную наблюдательную комиссию (ОНК)https://vk.com/public203264628. То қарори суд шуморо наметавонанд беш аз 48 соат боздошт кунанд.

Кормандони политсия ҳуқуқ надоранд, ки ҳуҷҷатҳои шуморо ҳамчун замонат барои пардохти ҷарима ва пардохтҳои дигар гиранд  - ин ғайриқонунӣ аст. Ҷарима танҳо бо қарори суд ё сардори шуъбаи масъалаҳои муҳоҷират муқаррар мешавад. Дар вақти баррасии парвандаи худ дар суд ҳатман иштирок кунед ва нусхаи қарорро гиред. Шумо метавонед дар муҳлати 10 рӯз аз болои он шикоят кунед, ё дар муҳлати 30 рӯз ҷаримаро пардохт кунед.

Агар кормандони политсия ҳуқуқҳои шуморо поймол кунанд, қабули аризаатонро рад кунанд, ӯҳдадориҳои худро иҷро накунанд, пора талабанд ва зӯроварӣ кунанд, шумо метавонед бо муроҷиат кардан бо телефони 112 ё 02 ё ба  «Горячую линию» МВД РФ: 8 (800) 222-74-47, “Телефон доверия” ГУ МВД по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области: 8 (812) 573-21-81 ёрӣ талаб кунед.

Агар шуморо дар Маркази нигаҳдории муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ (ЦВИГ) ҷой карданд, кӯшиш кунед, ки ҳарҷӣ зудтар ҳуҷҷатҳои худро барқарор кунед. Ҳатман ба консулгарии кишвари худ ё барои гирифтани